**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» оид ба экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи беморихои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, пешниҳод шудааст.**

**Комиссияи экспертӣ дар ҳайати:** доктори илмҳои тиб, дотсент Муҳаббатзода Ҷиёнхон Қурбон (раис); доктори илмҳои тиб, профессор Артиков Каримҷон, доктори илмҳои тиб Юлдошев Равшан Зоҳидович (аъзо), ташхиси ибтидоии кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯӣ ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ-ро гузаронда ба хулосаи зерин омад:

Диссертатсия ба забони давлатӣ навишта шудааст ва ҳамчун кори илмии аслии муаллиф euониста мешавад. Кори диссертатсионӣ ба шифри ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ мувофиқат мекунад ва метавонад барои ҳимояи расмӣ дар шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» қабул гардад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба лоиҳаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи «Бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М.» МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар мавзӯи «Стратификатсияи хатар ва такмили тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои солҳои 2022-2026 робита дорад.

Диссертатсия дар шакли анъанавӣ дар 338 саҳифаи матни чопшуда шарҳ дода шудааст, ва аз муқаддима, ҳашт боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия бо 61 ҷадвал ва 26 расм тасвир шудааст.

Кори диссертатсионӣ ба масъалаи мубрами илмӣ-амалии беҳтаргардонии натиҷаҳои табобати беморон бо перитонити паҳнгашта, ки арзиши илмӣ-амалиро барои ҷарроҳия дорост, бахшида шудааст.

Мураккабии мониторинги доимии объективии беморон бо шаклҳои вазнини перитонит, ва гузашта аз он сепсиси абдоминалӣ, дар навбати худ ба ғайриимкон будани ҷавоби саривакт додан ба чараёни пайваста тағйирмеёфтаи беморӣ оварда мерасонад, ки ба натиҷаҳои манфии табобат сабабгор мешавад. Дар ин ҷанба тақсимоти мувофиқи ҷараён аз рӯи марҳилаҳо аҳамияти хос дорад. Пешниҳоди тағйир додани таснифи клиникии мавҷудбуда ва маъмули перитонит аз рӯи давра ба гурӯҳбандӣ мувофиқи мавҷудият ё набудани сепсис, эътимол заминаи таҳқиқоти проспективии роҳҳои такмилдиҳии табобати интенсивии перитонити паҳнгаштаро таҳия месозад.

Миқдори зиёди ҷадвалҳои интегралии арзёбии вазнинии ҳолати бемор бо перитонит вуҷуд доранд, ки барои ҳалли масъалаи аниқ бо усулҳои ташхису табобат коркард шаванд. Аён аст ки қарордод оиди тактикаи ҷарроҳӣ бояд ҳам бо дарназардошти манзараи дохилиамалиётӣ, ва ҳам бо дарназардошти зуҳуроти норасоии полиорганӣ қабул карда шавад.

Маълум аст, ки перитонити паҳнгаштаи қатънагашта ба синдроми норасоии полиорганӣ ва фавт оварда мерасонад. Нишонаи илтиҳоби сустҷараён ин аломати заҳролудшавӣ, ки шабонарӯзи сеюм бо вуҷуди табобати мувофиқи интенсивӣ идома меёбад. Чунин ҳолат бо вайроншавии гемодинамикаи марказӣ ва гиповолемия ҳамроҳ мешавад, ки аз сабаби мавҷӯдияти, дар асли кор, сепсиси абдоминалӣ ва норасоии полиорганӣ, бо душворӣ бартараф мешавад.

Релапаротомияи бармаҳал воситаи асосии наҷоти беморон ҳангоми инкишофи оризаҳои ҷиддии баъдазҷарроҳӣ мисли перитонит, боқӣ мемонад. Тактикаҳои релапаротомияҳои нақшавии санатсионӣ ва релапаротомияҳои талаботии мавҷудбуда як қатор афзалиятҳо ва камбудиҳои маълум доранд, ва бинобар ин мӯҳлат ва тартиби иҷроиши ин ҷарроҳиҳо айни ҳол стандартӣ кунонда нашудаанд ва дар муассисаҳои мухталифи табобатӣ гуногунанд. Мушкилиҳои натиҷаҳои ғайриқаноатбахши табобати беморӣ, гузоштани нишондод ба релапаротомияи барномавӣ ва талаботӣ, мурокибати кушодаи шикам, то ҳол ҳамчун масъалаҳои мубрам боқӣ мемонанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таснифи нави перитонити паҳнгашта коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Барои пешгӯии оқибатҳои номусоид ҳангоми тактикаи гуногуни ҷарроҳии перитонити паҳнгашта ҷадвали дақиқтари пешгӯӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Самаранокии ҷадвали пешниҳодшудаи «шохиси перитонит» барои пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта дар муқоиса бо ҷадвалҳои классикии арзёбии вазни ҳолати беморон муайан карда шудааст.

Нахустин маротиба самаранокии пешгӯяндаи маҷмӯи предикторон (пресепсин, прокалситонин ва диг.) дар пешгӯии оқибатҳои табобати перитонити паҳнгашта озмуда шудааст.

Аввалин маротиба накши моноситҳо дар патогенези шоки септикӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта омухта шудааст.

Роҳҳои тафриқаи тактикаи ҷарроҳӣ дар марҳилаҳои пешгӯии пеш аз- ва ҳангоми ҷарроҳӣ ба воситаи ҳисоби холҳои ҷадвали арзёбии вазни ҳолат, ки бар фавти пешгӯишуда асоснок мешавад, муайан шудааст.

Омилҳои самаранокии ба таври муқобил шустани ковокии шикам (Патенти ҶТ № TJ610 аз 14.04.2014.), найчагузории ретроградии рӯдаи борик ва ғафс (Патенти ҶТ № TJ1316 аз 18.11.2022.) ва энтеросорбсия (гувоҳномаи пешниҳоди беҳсозон №3583/R635 аз 13.02.2018) ҳангоми перитонити паҳнгашта муайан карда шудааст.

**Арзиши амалии таҳқиқот.** Дар амалияи ҷарроҳӣ истифодабарии таснифи такмилдодаи марҳилаҳои перитонити паҳнгашта, системаи интегралии «шохиси перитонит» ва таҳлили биомаркерҳои пурзӯри пешгӯикунанда барои сари вақт ба гурӯҳҳои хатар ҷудо кардани беморон ва пешгӯии оқибатҳо ва барои интихоби тактикаи мувофиқи муолиҷа самаранок ҳастанд.

Истифодабарии усули пешгирии инкишофи бармаҳали думмалҳо ва лиҳомҳои дохилибатнӣ тариқи найчагузории байни масориқаи рӯдаи борик, энтеросорбсияи найчавии бармаҳали баъдазҷарроҳӣ, найчагузории рӯда ва усули шустани ковокии батн ба таври муқобил ҳангоми ҷарроҳии перитонити паҳнгашта ба коҳишёбии сатҳи заҳролудшавии эндогении беморон, барвақттар барқарор шудани кори ҳаракатӣ-тахлиявии рӯда мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи сепсиси абдоминалӣ истифодабарии релапаротомияи талаботӣ назар ба релапаротомияи барномавӣ ва дар марҳилаи шоки септикӣ тактикаи релапаротомияи барномавӣ бо поксозиҳои марҳилавии ковокии шикам афзалтар аст, ки дар амалия манфиати худро нишон хоҳад дод. Истифодабарии поксозии видеолапароскопӣ дар давраи баъдазҷарроҳӣ барои амалӣ гардондани поксозии ковокии шикам, миқдори релапаротомияҳоро якбора коҳиш медиҳад, ки барои кори ҷарроҳон аҳамияти бузург дорад.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 46 таълифот, аз он ҷумла 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои мӯътабари илмии тиббии КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография «Перитонити паҳнгашта (пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобат)» ба чоп расонда шудааст, 2 патент барои ихтироъ (№ TJ610 аз 14.04.2014. ва № TJ1316 аз 18.11.2022), 2 гувоҳномаи таклифи беҳсозон (№3382/R597 аз 25.02.2014 ва №3583/R635 аз 13.02.2018) таҳия шудааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияи илмӣ-амалии «Коркарди ҷарроҳии захм ва манбаҳои фасодӣ-некротикии кӯдакон ва калонсолон» ш.Москва, с.2014.; конференсияи илмӣ-амалии 63-ми солонаи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки байналхалқӣ, ш.Душанбе, с.2015; конференсияи илмӣ-амалии 65-ми солонаи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки байналхалқӣ, ш.Душанбе, с.2017; конференсияи илмӣ-амалии 66-ми солонаи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2018; конференсияи илмӣ-амалии 67-ми солонаи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки байналхалқӣ, ш.Душанбе, с.2019; конференсияи илмӣ-амалии 68-ми солонаи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2020; конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2017; конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2018; конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2019; конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2020; ҷаласаи кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», ш.Душанбе, с.2020; конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалии «Уфукҳои ҷарроҳии муосир» ш.Самарқанд, с.2021; ҷаласаи Ҷамъияти ҷарроҳони ҶТ, №6 аз 03.06.2022 маъруза карда мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**1.** Сараев А.Р. Современные аспекты диагностики и лечения перитонитов. / А.Р. Сараев, К.М.Курбонов, Ф.И. Махмадов // Известия Академии наук РТ, отделение биологических и медицинских наук. - 2010. - №2 (171) - С.83-87

**2.** Сараев А.Р. Прогнозирование исхода и выбор лечебной тактики при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, К.М. Курбонов, Ш.К. Полвонов, Д.С. Халимов. // Вестник Авиценны. 2015 - №3 - с.112-116 .

**3.** Сараев А.Р. Усовершенствование классификации перитонитов. / А.Р. Сараев // Вестник Авиценны. 2018. - №4 - с.442-447. Doi:10.25005/2074-0581-2018-20-4-442-447

**4.** Сараев А.Р. Патогенез и классификация распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров // Хирургия. Журнал им. Пирогова Н.И. 2019. - №12 - с.106-110. https://doi.org/10.17116/hirurgia2019121106

**5.** Сараев А.Р. Хирургическая тактика при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Дж.С. Халимов. // Здравоохранение Таджикистана. 2019. - №4 – с.

**6.** Сараев А.Р. Поксозии контрастии ковокии шикам ва энтеросорбсия ҳангоми табобати перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Ҷ.С. Ҳалимов // Авҷи Зуҳал. - 2020. - №1 с.11-16.

**7.** Сараев А.Р. Биомаркеры воспаления и сепсиса в диагностике стадий распространенного перитонита / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде, Сабурова А.М. // Вестник Авиценны. - 2020. - №22(2) - с.280-285. Available from: https://doi.org/10.25005/2074-0581-2020-22-2-280-285.

**8.** Сараев А.Р. Роль моноцитов в патогенезе распространённого перитонита \ А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде.\\ Вестник Авиценны. – 2020. - № 22(3). С. 453-458. Available from: https://doi.org/10.25005/2074-0581-2020-22-3-455-460.

**9.** Сараев А.Р. Тактика лечения тяжёлых форм распространённого перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде. // Здравоохранение Таджикистана. – 2020. - №3 – с.51-57.

**10.** Сараев А.Р. Алгоритми тактикаи табобати ҷарроҳии перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Х.Ш. Назаров, Ҷ.С. Ҳалимов. // Авҷи Зуҳал. – 2020. - №2 с. 14-21.

**11.** Сараев А.Р. Поксозии видеолапароскопии ковокии шиками беморон бо перитонити паҳнгашта дар марҳилаи баъдазҷарроҳӣ / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Б.Дж. Султонов. // Авҷи Зуҳал. – 2020. - №4 – с.79-85.

**12.** Сараев А.Р. Алгоритми пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Илм ва фановари. – 2021 - №3 – с.85-90.

**13.** Сараев А.Р. Арзёбии вазнинии ҳолати беморон бо перитонити паҳнгашта дар асоси таснифи нав / А.Р. Сараев // Здравоохранение Таджикистана. – 2021 - №4 – с.88-93. DOI:10.52888/0514-2515-2021-351-4-88-93

**14.** Сараев А.Р. Самаранокии поксозии видеолапароскопии ковокии шиками ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев, Ш.Қ.Назаров, Қ.Р.Холов // Симурғ.- 2021 - №10(2) – с.48-53.

**15.** Сараев А.Р. Патогенези перитонити паҳнгашта ва сепсиси абдоминалӣ / А.Р. Сараев //Авҷи Зуҳал.- 2021 - №2 – с.131-136.

**16.** Сараев А.Р. Муайян кардани нишондод барои поксозии лапароскопии барномавӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев//Авҷи Зуҳал.- 2021 - №4 – с.116-119.

**17.** Сараев А.Р. Нақши биомаркерҳо дар ташхискунӣ ва пешгӯии авҷгирии сепсиси абдоминалӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Симурғ -2021 – 13(1) – с. 14-22.

**18.** Сараев А.Р. Таърих ва вазъи кунунии масъалаи истифодабарии лапароскопия ҳангоми перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев// Симурғ -2021 - №11(3) – с.122-128.

**19.** Сараев А.Р. Лапароскопические санации брюшной полости в послеоперационном ведении больных с распространенным перитонитом / А.Р. Сараев // Скорая медицинская помощь. - 2022 - №1.Т.23 – С.45-49 DOI:10.24884/2072-6716-2021-23-1-45-49

**20.** Сараев А.Р. Арзёбии вазнинии ҳолат дар пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта / А.Р. Сараев // Вестник последипломного обр. в сф. здрав. – 2022 - №1 – с.69-74.

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо**

**21.** Сараев А.Р. Прогнозирование, профилактика и лечение инфекционных осложнений у больных с распространенным перитонитом. / А.Р. Сараев, М.Х. Ҳайруллоев, С.Т. Назипов, Ф.И. Махмадов // Материалы III городской НПК «Актуальные вопросы неотложной хирургии». Душанбе - 2012 - с. 35-39.

**22.** Сараев А.Р. Современные возможности диагностики и лечения послеоперационных внутрибрюшных осложнений. / К.М. Курбонов, Ф.И. Махмадов, А.Р. Сараев // Материалы III городской НПК «Актуальные вопросы неотложной хирургии». Душанбе - 2012 - с. 29-32.

**23.** Сараев А.Р. Диагностика и лечение послеоперационного перитонита. / К.М. Курбонов, Ф.И. Махмадов, Г.Т. Камилов, А.Р. Сараев, М.Х. Хайруллоев. // Материалы III городской НПК «Актуальные вопросы неотложной хирургии». Душанбе - 2012 - с. 181-182.

**24.** Сараев А.Р. Ба таври муқобил шустани ковокии шикам ҳангоми перитонити паҳнгашта. / А.Р. Сараев, К.М. Курбонов // Авҷи зуҳал.- 2014 - №1 - с. 6-11

25. Сараев А.Р. Метод программных санаций в лечении распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, К.М. Курбонов // Материалы международной НПК «Хирургическая обработка ран и гнойно-некротических очагову детей и взрослых». - Москва - 2014 - с.137-138.

26. Сараев А.Р. Микробный пейзаж распространенного перитонита в стадии абдоминального сепсиса. / А.Р. Сараев, К.М. Курбонов // Материалы годичной НПК ТГМУ посвящ. 75-летию ТГМУ. - Душанбе, - 2014г. - С.76-79.

27. Сараев А.Р. Выбор тактики лечения при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, К.М.Курбонов // Сборник научных трудов кафедры хирургических болезней №1 Душанбе-2014 - С.58-60.

28. Сараев А.Р. Контрастное промывание брюшной полости в комплексном лечении распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, А.Р.Сараев, К.М.Курбонов // Материалы 63 годичной НПК ТГМУ, Душанбе, - 2015г. - с.486-488.

29. Saraev A.R. Etiology and prognostic factors of unfavorable outcome of treatment among patients with generalized peritonitis. Text] / A.R.Saraev // Материалы 63 годичной НПК ТГМУ, Душанбе - 2015г. - С. 637-639.

30. Сараев А.Р. Этиология и прогностические факторы неблагоприятного исхода лечения больных с распространенным перитонитом / А.Р. Сараев, М.М.Мавҷудов, Ш.С.Сайдалиев. // Ҷаррохии бетахъир (Неотложная хирургия). - 2016. - №1 С. 56-60.

31. Сараев А.Р. Структура и антибиотикорезистентность микроорганизмов при распространенном перитоните в стадии абдоминального сепсиса. / А.Р. Сараев, К.Н.Дабуров, М.Х.Хайруллоев // Ҷаррохии бетахъир (Неотложная хирургия).- 2016 - №1 - С.50-55.

32. Сараев А.Р. Факторы прогнозирования исходов лечения распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, Х.Ш.Назаров // Годичная международная НПК ТГМУ. – 2017.- С.346-409.

33. Сараев А.Р. Возможности видеолапароскопии в программных санациях брюшной полости. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Б.А. Икромов, С.Г. Али-Заде.// Материалы 66 НПК ТГМУ 2018г. - С. 226-227.

34. Сараев А.Р. Сравнительная оценка прогнозирования исхода у больных с распространенным перитонитом / А.Р. Сараев, Ш.К.Назаров, Ҳ.Ш.Назаров. // Проблемы гастроэнтерологии - 2018. - № 2(67) - С.40-44.

35. Сараев А.Р. Видеолапароскопические программные санации при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Г.Т. Камилов, Х.Ш. Назаров. // Вестник МК Истиклол 2018г. - №3 - с.50-54.

**36.** Сараев А.Р. Классификация и тактика лечения распространенного перитонита. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров.// Вестник МК Истиклол 2018г. - №4 – с. 45-51.

**37.** Сараев А.Р. Методы прогнозирования исхода при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Али-заде. // Материалы 67 НПК ТГМУ 2019. - том 1 - с.385-387.

**38.** Сараев А.Р. Структура микробного пейзажа распространённого перитонита при программных санациях брюшной полости. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, Н.К. Дабуров.// Симург 2020. - №5(1) - с.52-55

**39.** Сараев А.Р. Определение показаний к релапаротомии при распространенном перитоните. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде // Материалы 68 НПК ТГМУ 2020г. - том 2 - с.290-292.

**40.** Сараев А.Р. Молекулаҳои массаи миёна ҳамчун меъёри вазнинии ҷараён ва пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта. / А.Р. Сараев, Ш.К. Назаров, С.Г. Ализаде // Материалы 68 НПК ТГМУ 2020г. - том 2 - с. 292-294.

**41.** Сараев А.Р. Усовершенствованная классификация стадий распространенного перитонита / А.Р. Сараев // Сборник статей и тезисов международной НПК (Самарканд). Проблемы биологии и медицины.- 2021.- №6.1 (133) – с 353-358.

**Монография**

**1.** Перитонити паҳнгашта (пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобат). / А.Р. Сараев // Матбуоти вазорати маориф ва илми ҶТ, 2022. – 184с.

**Патент барои ихтироъ**

**1.** Сараев А.Р. Тарзи коркарди ковокии шикам ҳангоми ҷарроҳии перитонити паҳнгашта (Способ интраоперационной обработки брюшной полости при распространенном перитоните). / К.М.Қурбонов, П.К.Холматов // № TJ610. - Душанбе, - 14.04.2014.

**2.** Сараев А.Р. Тарзи найчагузории рӯда ҳангоми перитонити паҳнгашта (Способ интубации кишечника при распространенном перитоните). / Ш.Қ.Назаров // № TJ1316- Душанбе - 18.11.2022.

**Гувоҳномаҳои пешниходҳои беҳсозон**

**1.** Сараев А.Р. Усули пешгирии баъдазҷарроҳии часпишҳо ва абсcесҳои дохилишикамӣ (Способ профилактики послеоперационных внутрибрюшных абсцессов и спаек) / Сараев А.Р., Қурбонов К.М., Полвонов Ш.К. // №3382/R597 аз 25.02.2014.– содиршуда МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино».

**2.** Сараев А.Р. Усули пешгирии пайдоиши парези баъдиҷарроҳии рӯдаҳо дар шароити перитонит (Способ профилактика развития послеоперационного пареза кишечника в условиях перитонита) / Сараев А.Р., Назаров Х.Ш., Ҳалимов Ҷ.С // №3583/R635 аз 13.02.2018.– содиршуда МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино».

Маҷмӯи интишорот ва сатҳи эътимоднокии он аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи бахшҳои рисола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда аз ҷониби муаллиф инъикос гардидаанд. Миқдори интишорот ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб, мувофиқат мекунад.

**Мушовири илмии диссертант** – доктори илмҳои тиб, дотсент Назаров Шоҳин Қувватович – мудири кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

Дар асоси таҳлили кори таҳқиқотӣ, хулосаҳои бадастоварда, мақолаҳои нашршуда комиссияи экспертӣ кори диссертатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич-ро дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯӣ ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» ки ба масъалаи муҳими тиббӣ-иҷтимоӣ бахшида шудааст, асари анҷомёфтаи илмӣ-ихтисосӣ мешуморад, ки ба ҳамаи меъёрҳо ҷавобгӯ аст, аз ҷумла фасли 3, банди 32 “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30 июни соли 2021, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои тиббӣ аз рӯи тахассуси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ пешбинӣ шудааст, тасдиқ шудааст.

Дар автореферат ғояҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия, саҳми муаллиф дар иҷроиши таҳқиқоти илмӣ, нишон додани дараҷаи навгонии он ва эътимоднокии амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, дарҷ гардидаанд. Нусхаи русии автореферати диссертатсия аз тафтиш мувофиқи системаи Сервис ‹‹Антиплагиат›› hhtt://www.antiplagiat.ru (назди шӯъбаи илм ва инноватсияи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино») бо мақсади муайян намудани ҳаҷми мувофиқати матнӣ байни матни автореферат ва сарчашмаҳое, ки муаллифии онҳо муқаррар шудааст, барои ҳамчун мухтасари асари аслии илмию тахассусӣ донистани нусхаи автореферат, гузаштааст: тасарруф -14,45% , иқтибос -0%, асолат -85,55%.

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи

«Оптимизатсияи пешгӯӣ ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ, ба профили шӯрои диссертатсионӣ мувофиқ аст ва метавонад ба химояи расмӣ дар шурои диссертационии 6Д. КОА – 040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» қабул гардад.

Комиссияи экспертӣ мешуморад, ки кори диссертатсионӣ ба масъалаи мубрами илмӣ – «Оптимизатсияи пешгӯӣ ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» бахшида шудааст ва ба сатҳи доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ, мувофиқат мекунад.

Комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад:

**Муқарризони расмӣ:**

**Сафарзода Абдулло Муъмин,** доктори илмҳои тиб, директори МД “Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов” Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Назарзода Файзали Насрулло**, доктори илмҳои тиб, директори МД Маҷмааи тандурустии «Дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Қодиров Фарҳод Давронҷонович**, доктори илмҳои тиб, корманди илмии МД «Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад ки ҷойгиркунии эълон дар бораи ҳимоя, матни диссертатсия ва матни автореферат дар сомонаи расмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва инчунин интишор ва ирсоли автореферат, иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои тиб — Муҳаббатзода Ҷ.Қ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои тиб, профессор — Артиков К.П.

Доктори илмҳои тиб — Юлдошев Р.З.

**17.03.с.2023**

имзои/подпись

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

“17” 03 2023 с/г